# АМАЛИЁТ ОИДИ ТАҲВИЛИ МОЛҲО (ИҶРОИ КОР ВА ХИЗМАТРАСОНӢ), КИ БО ААИ АНДОЗБАНДӢ МЕШАВАНД

## Қисми 1. Маълумоти умумӣ дар бораи супорандаи андоз аз арзиши иловашуда

1 РМА

2 РЯМ

3 РСБ

4 Номгӯи супорандаи ААИ

5 Давраи андоз А Моҳ Б Сол

Тавсияҳо барои пур кардан

- барои кӯмак аз Тартиби пур кардани Эъломияи мазкур истифода намоед
- Эъломияро бо ҳуруфоти чопӣ пур кунед, миёни калимаҳо як хоначаро холӣ монед
- ҳангоми пур кардан ручкаи саққодори ранги сиёҳчадоштаро истифода намоед
- маблағҳоро бо сомонӣ нишон диҳед

.

## Қисми 2. Ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда

| Рамзи сатр | | Номгӯи амалиёти фурӯш | Ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда |
|---|---|---|---|
| 001 | | Таҳвили молҳо (кор, хизматрасонӣ), ки дар қаламрави ҶТ анҷом дода мешаванд | |
| | А | - таҳвили мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ (м. 174 қ. 1) | |
| | Б | - амалиёти андозбандишаванда дар лаҳзаҳои қабул, фурӯш, супоридан ва бор кардан (м. 174 қ. 2) | |
| | В | - амалиёти андозбандишаванда ҳангоми пешпардохт (м. 174 қ. 3) | |
| | Г | -иваз намудани мол, кор, хизматрасонӣ (м. 166 қ. 2) | |
| | Д | - таҳвили мол, кор, хизматрасониҳои андозсупоранда, ба кормандони худ ва ҳар шахси дигаре, ки супорандаи ААИ намебошанд (м. 164 қ. 4) | |
| | Е | -амалиёти андозбандишаванда ҳангоми истеҳсоли мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ бо ашъёи хоми фармоишгар (м. 164 қ. 9) | |
| | Ё | -фурӯш ё супоридани корхона (м. 165) | |
| | Ж | - дигар намуди фурӯш | |
| 002 | | Таҳвили мол дар шакли иҷораи молиявӣ (лизинг) (озод) | |
| 003 | | Истифодаи мол барои истифодаи шахсӣ (м. 164 к. 3) | |
| 004 | | Амалиёт аз рӯи бақияи молҳо дар ҳолати аз қайди ААИ баровардан (м. 164 қ. 3) | |
| 005 | | Ҳамагӣ амалиёти андозбандишавандаи ААИ аз фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ ), аз ҷумла | |
| | А | бо меъёри 18% | |
| | Б | бо меъёри 5% | |
| | В | бо дигар меъёрҳо | |

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

________________________________/_______________/

Ному насаби шахси масъули Эъломияро тартибдода Имзо

## Шакли № 03.01(02.03).01
## Амалиёт оиди таҳвили молҳо (иҷрои кор ва хизматрасонӣ), ки бо ААИ андозбандӣ мешавад

### ҚИСМИ 1. Маълумоти умумӣ дар бораи супорандаи андоз аз арзиши иловашуда

Дар банди 1 рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) гузошта мешавад.
Дар банди 2 рақами ягонаи мушаххаси андозсупоранда (РЯМ) гузошта мешавад.
Дар банди 3 рақами сабаби бақайдгирии андозсупоранда (РСБ) гузошта мешавад.
Дар банди 4 номгӯи супорандаи ААИ зикр мегардад.
Дар банди 5 давраи андоз нишон дода мешавад.

### ҚИСМИ II. Ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда

Дар ин қисм маълумот дар бораи амалиёт оиди таҳвили молҳо (иҷрои кор ва хизматрасонӣ), ки дар давраи андоз ғайр аз амалиётҳое, ки бо меъёри 0% бо ААИ андозбандӣ мешавад, дарҷ мегардад.

ДАР сатри 001 маълумоти умумии амалиёт оиди таҳвили молҳо (иҷрои кор ва хизматрасонӣ), ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайр аз таҳвили молҳо (иҷрои кор ва хизматрасонӣ), ки ба таври ройгон анҷом дода мешавад, навишта мешавад. Яъне маҷмӯи маблағҳои андозбандишавандаи сатрҳои 001А, 001Б, 001В ,001Г, 001Д, 001Е , 001Ё, 001Ж нишон дода мешавад.

Сатри 001А таҳвили мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ (м.174 қ.1)

Сатри 001Б амалиёти андозбандишаванда дар лаҳзаҳои қабул, фурӯш, супоридан ва бор кардан (м.174 қ. 2)

Сатри 001В амалиёти андозбандишаванда ҳангоми пешпардохт (м.174 қ. 3)

Сатри 001Г иваз намудани мол, кор, хизматрасонӣ (м.166 қ.2)

Сатри 001Д таҳвили мол, кор, хизматрасониҳои андозсупоранда, ба кормандони худ ва ҳар шахси дигаре, ки супорандаи ААИ намебошанд (м. 164 қ.4)

Сатри 001Е амалиёти андозбандишаванда ҳангоми истеҳсоли мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ бо ашьёи хоми фармоишгар (м. 164 қ.9)

Сатри 001Ё фурӯш ё супоридани корхона (м.165)

Сатри 001Ж дигар намуди фурӯш, яъне дар мавриди тибқи дигар қонунгузориҳои дахлдор пешбинӣ шудани амалиётҳои андозбандишаванда дарҷ карда мешавад.

Дар сатри 002 маълумот оиди таҳвили мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ, ки дар асоси иҷораи молиявӣ (лизинг) мутобиқи талаботи моддаи 15 ва банди 44 моддаи 17 анҷом дода мешаванд, нишон дода мешавад.

Дар сатри 003 маълумот оиди бор карда фиристодани мол дар асоси шартномаҳои комиссионӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри 004 маълумот оиди амалиёти андозбандишавандаи ААИ аз рӯи бақияи молҳо дар ҳолати аз қайди ААИ баровардан (м.164 қ.3).

Дар сатри 005 ҳамагӣ маблағҳои умумии амалиёти анҷомгирифтаи андозбандишавандаи ААИ аз фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ) навишта мешавад. Яъне маҷмӯи маблағҳои андозбандишавандаи сатрҳои 001, 002, 003, 004 дарҷ гарида дар зерсатрҳои А,Б,В аз ҷумла бо меъёри 18%, 5% ва дигар меъёрҳо нишон дода мешавад.